**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар мисоли саноати устони Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат)

Дар шароити имрӯза устувор гардонидани иқтидори соҳибкории хурду миёна ва афзун гардонидани саҳми он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ ҳисобида мешавад. Дар баробари ин, инкишофи соҳибкории хурду миёна яке аз муҳимтарин механизмҳое маҳсуб меёбад, ки самаранок пеш бурдани сиёсати иқтисодӣ, афзоиши даромади қисми даромади буҷети давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳамзамон таъсиси ҷойҳои нави кориро таъмин намуда, ташкили ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусиро ба роҳ мемонад.

Рушди иқтисодию иҷтимоии давлатро бе мавҷудият ва рушди соҳибкории хурду миёна тасаввур кардан гайриимкон аст. Махсусан, дар шароити таҳрими иқтисодӣ накш ва аҳамияти рушди соҳибкории хурд ва миёна бениҳоят мубрам гардидааст. Дар шароити таҳрими иқтисодӣ соҳибкории хурд ва миёна метавонад имкониятҳои дохилӣ ва афзалиятҳои муқоисавии кишварро истифода намуда, дигаргунсозии сохтории иқтисодиёти мамлакатро тадриҷан таъмин намояд.

Аз ин рӯ, омӯзиши инкишофи соҳибкории хурду миёна ва муаммоҳои рушди он яке аз масъалаҳои асосии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он барои баландбардории суръати рушди иқтисодиёт аҳамияти калон дорад. Дараҷаи мубраммияти масъалаи мазкур махсусан бо ҷорӣ кардани таҳрими иқтисодӣ баланд гардид, ки дар натиҷаи он шароитҳои фаъолияткунии соҳибкории хурду миёна боз ҳам маҳдуд шуд ва ба афзоиши рушди иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расонид.

Бинобар ҳамин, бо эътимоди комил қайд карда метавонем, ки масъалаи омӯзиши дақиқ ва амалигардонии тадкиқоти илмӣ бо мақсади муайянсозии асосҳои назариявии соҳибкории хурду миёна ва ҷустуҷӯи самтҳои афзалиятноки инкишофи он дар шароити таҳрими иқтисодӣ муҳиммияти рӯзмарраро ба худ касб намудааст.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки ҷараёнҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, густариши робитаҳои байни корхонаҳои бузург, муборизаи рақобатӣ байни ширкатҳои фаромилалӣ, инчунин инҳисории бозор аз тарафи истеҳсолкунандагони бузург барои субъектони соҳибкории хурду

миёна мушкилиҳои зиёд ба вуҷуд меоранд. Барои ҳалли ин масъалаҳо диссертант бо назардошти таҳлили системавӣ сохтори консептуалии рушду инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро пешниҳод менамояд, ки ба ҷойгиркунонӣ ва рушди устувори соҳибкории хурду миёна дар минтақа мусоидат менамояд.

Дар автореферат муаллиф дар асоси омилҳои ба рушди содироти соҳибкории хурду миёна таъсиррасон модели иқтисодӣ-риёзӣ кор карда баромадааст, ки дар асоси он мушкилотҳои фаъолияткунии корхонаҳои хурду миёна дар кишвари Эрон ошкор карда шуда, самтҳо ва роҳҳои ҳалли пешниҳод намудааст.

Дар автореферат аз тарафи муаллиф омилҳои ҷойгиркунонии корхонаҳои хурду миёна дар музофоти Курдистони Ҷумҳурии Исломии Эрон дида баромада шудааст, ки таъмини самараноки он аз дастгирии давлатии вобастагӣ дорад.

Дар автореферат дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо дида мешаванд, киислоҳи он ба манфиати кор мебошад:

1) Дар автореферат доир ба шумораи корхонаҳои хурд ва миёна маълумотҳои оморӣ ва таҳлилӣ оварда нашудааст.

2) Дар автореферат камбуҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Алии Таҳассурӣ дар мавзуи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар мисоли саноати устони Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)», дар мавзӯи актуалӣ иҷро карда шуда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

**Мудири шуъбаи магистратураи**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**и.и.и., дотсент** **Рабиева Т.М.**

**Имзои н.и.и., дотсент Т.М. Рабиева тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.А.**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Имзо тасдиқ карда шуд
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корг...

**Адрес: ш.Душанбе, к. Н.Карабоев, 63/3**
**Телефон: 234 49 89**
**Почтаи электронӣ: tahminatd@mail.ru**